**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Муминова Сафарбегим Бахриевна дар мавзуи «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Кори диссертатсионии Муминова Сафарбегим Баҳриевна аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик – баррасии вижагиҳои лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон бахшида шудааст.

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои таърихи қадимадошта ва пурғановату шуҳратёфта миёни забонҳои эронӣ мебошад.

Лаҳҷаҳои тоҷикӣ таърихи зиндаи халқи тоҷик маҳсуб меёбанд. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ тамоми таҳаввулоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию маишии мардум инъикос меёбанд. Аз ин лиҳоз, дар онҳо роҷеъ ба ҳама самту паҳлуҳои зиндагӣ ва маишати одамон калимаву ибораҳое ба кор меравtotanд, ки талаботи соҳибони худро дар ҷодаи муошират дар давоми садсолаҳои зиёд таъмин менамоянд.

Зарурати омӯзиш ва таҳқиқи лаҳҷаҳо дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи забон чунин барҳақ таъкид гардидааст: «Лаҳҷаҳо яке аз муҳимтарин манбаъҳои такмили забон буда, адибони гузашта ва муосири мо бо истифода аз захираҳои ин ганҷина луғату истилоҳоти фаровонеро ба забони меъёр ворид карданд. Аз ин рӯ, забоншиносон ва лаҳҷашиносон бояд ин сарвати бебаҳоро мавриди омӯзишу баррасии ҷиддӣ қарор диҳанд ва забони адабиро аз дурдонаҳои он такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд». Ҳамин дастури Президент водор сохт, ки луғати ҳар як лаҳҷаи забони тоҷикӣ, аз ҷумла, луғати лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон низ дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ яке аз шохаҳои бузурги гуфтори омиёнаи тоҷикӣ ба шумор меравад, ки чандин лаҳҷаву гӯйишҳои маҳаллиро фаро гирифтааст, ки ҳар кадоме дорои вежагиҳои сохторию корбурдии худ буда, дар муҳити хоси таърихӣ, табиӣ ва этнографӣ ташаккул ёфтаанд. Дар миёни ин гӯйишҳо аз лиҳози илмӣ, хусусан, он лаҳҷаҳое қобили таваҷҷуҳ мебошанд, ки аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ инзиво гирифта, дар муҳити забонҳои ғайритоҷикӣ ба кор мераванд ва аз ин рӯ, дар миёни лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ бо бисёр хусусиятҳои хоси диалектологии худ тафовут пайдо кардаанд. Дар радифи чунин лаҳҷаҳо метавон аз гӯйишҳои бадахшонии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ёдовар шуд, ки дар минтақаҳои ҷануби шарқии Бадахшон ривоҷ дошта, ҳамзамон вобаста ба муҳити лингвистии худ аз ҳамдигар то ҳадде тафовут доранд. Яке аз чунин гӯйишҳо гӯйиши тоҷикии водии Вахони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Лаҳҷаи вахонии забони тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳи он, ки дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон бо номи «Лаҳҷаҳои ҷанубии забони

тоҷикӣ» паҳн гаштаанд, бозгӯйи вазъи таърихии бархӯрди забону лаҳҷаҳои қадимаи бохтариву сакоӣ бо гӯйишҳои форсӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр мебошанд. Воқеан, ин забону лаҳҷаҳо, ки дар даврахои муайяни таърихӣ пайваста дар роҳи рушд қарор доштанд, дар омезиш бо гуфтори форсӣ ташаккулу таҳаввули лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикиро таъмин намуданд. Лаҳҷаҳои ҷанубӣ асосан дар мавзеъҳои кӯҳдоман, миёни талу теппаҳо, қад-қади соҳилҳо доман густурда, имрӯз аз софтарин лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ шинохта шудаанд.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарк карда, ба андозаи тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристн адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва тавсиф шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро то андозае илман муайян кардааст.

Таҳқиқоти мазкур аз арзиши баланди илмиву амалиро молик буда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ва тасвирӣ бахшида шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ-техникӣ, калимасозӣ-грамматикӣ, услубӣ ба назар мерасад, ки зикри он ва ба назар гирифтани он дар тақвияти маҳорат ва такмили равишҳои илмии кор бо мавод ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант айни муддао хоҳад буд:

1. Аз таҳлили бобҳо хулосаи муайян бароварда нашудааст, дар ҳоле ки зерфаслҳо низ хулосаҳои нопурра доранд.

2. Дар баъзе ҷойҳои автореферат мавқеи истифодабарии аломатҳои китобат: тире ва дефис риоя карда нашудааст;

3. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд ба назар мерасанд;

Қайд кардан ҷоиз аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни умумиилмии корро паст намекунанд ва диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» таҳқиқоти комил ва анҷомёфта маҳсуб меёбад. Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби доданп дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукуматп Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: н.и.ф., дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саидов М.Б.

Имзои н.и.ф., дотсент Саидов М.Б. -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров – 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«_14_» сентябри 2023